«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, профессор
Хушвахтзода Қ.Х.
_______________________
«___» ____________ 2022 с.

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи номзадии Шайдуллои Ҳоҷӣ дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти интернетӣ» (дар асоси маводҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Шайдуллои Ҳоҷӣ аз соли 2014 дар факултети забонхои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кор мекунад. Ӯ соли 2014 шуъбаи магистратураи факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси забоншинос хатм кардааст. Номбурда баъди хатми шуъбаи магистратура соли 2015 ҳуҷҷатҳояшро ба шуъбаи ғоибонаи аспирантура (унвонҷӯ)-и ДМТ супорида, соли 2020 онро аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ хатм намудааст. Гувоҳномаи супоридани имтиҳонҳои номзадии унвонҷӯ соли 2022 аз тарафи ДМТ таҳти рақами №102 дода шудааст.

Роҳбари илмии ӯ доктори илмҳои филология, профессор Мухторов Зайнидин Мухторович мебошад. Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони факултети забонҳои Осиё ва Аврупои ДМТ дар таърихи 22.01.2015, қарори №5 тасдиқ шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Лозим ба таъкид аст, ки дар ин авохир нигоҳи муҳаққиқони ҷавон ба пажуҳишу таҳқиқи сарчашмаҳои дастнахӯрдаи забоншиносӣ, ки дар шинохти гӯшаҳои ношинохтаи забон нақши корсоз доранд, бештар мегардад. Ин худ гувоҳ бар он аст, ки муҳаққиқони ҷавон имрӯз нисбат ба пешрафти илм бетаваҷҷуҳ нестанд. Намунаи чунин пажуҳиш диссертатсияи Шайдуллои Ҳоҷӣ зери унвони «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти интернетӣ» (дар асоси маводҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ) мебошад.

Пажуҳиши мазкурро метавон дар забоншиносии муосири тоҷик аз нахустин таҳқиқи амиқу густурдаи лингвистӣ атрофи истилоҳоти

интернетӣ шуморид. Бо пайдо шудани истилоҳоти нав дар раванди муоширати интернетӣ ва омӯзиши илмҳои техникӣ ва гуманитарӣ тариқи интернет, муҳаққиқони забоншиносро водор сохт, ки истилоҳоти интернетӣ бо тамоми хусусиятҳояшон ба таври бояду шояд омӯхта шаванд. Аз ин нигоҳ, омӯзиши истилоҳоти интернетӣ, тарҷумаи онҳо аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ дар амри ғанӣ сохтани фонди луғавии забон ва тақвияти он нақши корсоз дорад.

Равшан аст, ки ҳар як забоне мисли як вуҷуди зинда ҳамеша ба тағзияву камол ниёз дорад. Ин камолу пешрафт дар навбати худ тавассути пажуҳишу омӯзиши забон, ҳузури вожагону таркиботаш дар сарчашмаҳои дигар забонҳо сурат мегирад. Беҳуда нест, ки махсусан дар даврони истиқлол диққати забоншиносони тоҷик ба забону масоили камолу пешрафти он дар иртибот бо махозини забонӣ суръату доманаи васеъ пайдо намуд.

Чунин пажуҳиш аз сӯйи дигар метавонад барои истифодабарандагони шабакаи интернет сабукӣ орад.

Лозим ба ёдоварист, ки дар таҳқиқоти мазкур аввалин маротиба ҷанбаҳои сохторӣ ва маъноии истилоҳоти интернетӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ ва баррасии ҳаматарафа қарор гирифта, чанде аз вижагиҳои сохтор ва маънои онҳо мушаххас гардидааст. Навгонии мавзӯи таҳқиқ дар он таҷассум мегардад, ки диссертатсияи мазкур аввалин маротиба сабабҳои таҳаввулоти маънои истилоҳоти интернетиро муайян карда, инчунин бо мисолҳо ҳолатҳои метономия, метафора ва синекдохаро дар ин низом асоснок мекунад ва ҳамзамон роҳҳои риоя ва ҳифзи маънои устувори истилоҳотро мушаххас менамояд.

Диссертант пеши худ мақсад гузоштааст, ки дар чаҳорчӯби рисола тамоми истилоҳоти интернетиро мавриди таҳқику баррасии лингвистӣ қарор диҳад. Вобаста ба ин мавсуф таҳқиқи масоили зеринро пешору доштааст: ҷанбаҳои назарии истилоҳот ва лексикаи соҳавӣ дар забоншиносии муосир; интернет: таърих ва ташаккули низоми истилоҳоти он; заминаҳои назарии забоншиносии интернетӣ: таснифоти мавзӯии истилоҳоти интернетӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ; роҳҳои ташакулёбии истилоҳоти интернетӣ; хусусиятҳои сохторӣ; содда, сохта, мураккаб ва таркибии истилоҳоти интернетӣ; ихтисораҳои истилоҳоти интернетӣ.

Тозагии пажуҳиш бастагӣ ба он дорад, ки диссертант бори нахуст ба таври васеъ истилоҳоти интернетиро дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Ба ҷуз ин дар диссертатсия сайри таърихӣ

оид ба пайдоиш ва ташаккули истилоҳшиносӣ дар забони тоҷикӣ, давраи ташаккули истилоҳоти интернет, ташаккулёбии сохтори истилоҳоти интернетӣ, таснифоти мавзӯии истилоҳоти интернетӣ ва корбасти онҳо дар шакли маҷмуъ таҳқиқ гардидаанд. Дар замимаи таҳқиқ фарҳанги истилоҳоти интернетӣ тартиб дода шудааст.

Қобили таъкид аст, ки маводи диссертатсияи мазкурро метавонанд ба тарҷумонҳо барои беҳтар кардани сифати кору фаъолияташон мусоидат кунад, зеро дар диссертатсияи мазкур роҳу усулҳои тарҷумаи истилоҳоти интернетӣ ба таври васеъ нишон дода шудааст. Таснифоти ихтисораҳои интернетӣ низ метавонад дар оянда ба фаолияти тамоми корбарони интернет осонӣ орад, зеро моҳият ва рамзҳои интернетӣ пурра ба забони тоҷикӣ дар шакли муодилҳои забон таҳия ва таҳлил гаштаанд. Инчунин дар дарсҳои лексионӣ, семинарҳои махсуси забоншиносӣ ва дигар риштаҳои илмҳои башарӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Гузашта аз ин, дар шароити ҳозир барои истифодаи интернет метавон аз вожагони ин диссертатсия кор гирифт.
Диссертант дар ҷараёни таҳқиқ аз методҳои умумиилмии мушоҳида, муқоиса, шарҳдиҳӣ, таҳлили семантикию сохторӣ, таҳлили муқоисавию таърихӣ истифода кардааст.

Мундариҷаи асосии диссертатсия дар 5 мақола, аз ҷумла, 3 мақола дар журналҳои таъйиднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 мақола дар маҷмуаи конференсияи байналмилалӣ ва 1 мақола дар маҷмуаи конференсияи ҷумҳуриявӣ ба чоп расондаи муаллифи рисола инъикос ёфтааст:

[1-М] Шайдуллои Ҳ. Интернет: аз таърихи пайдоиш то мушкилоти тарҷумаи истилоҳоти он / Ш. Ҳоҷӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. –Душанбе: Сино, 2018. №6. –С. 114-117.

[2-М] Шайдуллои Ҳ. Таҳлили сохтории абревиатураҳои истилоҳоти интернетӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / Ш. Ҳоҷӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзӯи “Масъалаҳои мубрами типологияи муқоисавӣ, тарҷума ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар давраи муосир” (Маҷаллаи илмӣ). –Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020.-С. 128-131.

[3-М] Шайдуллои Ҳ. Ҷанбаҳои назарии истилоҳот ва лексикаи соҳавӣ дар забоншиносии муосир / Ш. Ҳоҷӣ // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Ҷанбаҳои лингвистию муқоисавии омӯзиш ва тадриси забонҳои хориҷӣ дар шароити

бисёрфарҳангии таҳсилот” (Маҷаллаи илмӣ).–Душанбе: Матбааи ДДЗТ ба номи С. Улуғзода, 2021 –С. 52-55.

[4-М] Шайдуллои Ҳ. Таҳлили сохторӣ ва маъноии ихтисораҳои истилоҳоти интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Ш. Ҳоҷӣ // Паёми Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода (Маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. –Душанбе: Сино, 2021. №3. –С. 59-63.

[5-М] Шайдуллои Ҳ. Заминаҳои назарии забоншиносии интернетӣ / Ш. Ҳоҷӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. –Душанбе: Сино, 2022. №2. –С. 114-117.

Диссертатсия кори илмии бaанҷомрасида буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқ аст.

Кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ диссертатсияи Шайдуллои Ҳоҷиро кори илмии бaанҷомрасида ва муҳиму мубраме меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмӣ-тахқиқотӣ таълиф шудааст ва ба ҳамаи талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад.

Бо назардошти ин, диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология тавсия менамояд.

Иштирок доштанд: 17 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор»-17 нафар, «зид»-нест, «бетараф»-нест, қарори №8 аз 20. 04. 2022.

Мудири кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ — Наврузшоев Баҳриддин Хушҳолович
тел: 000090403
почтаи эл: bakhakhush@mail.ru

Котиби илмӣ — Диёров Шоҳи Ҷаҳон Абдусамеҳович

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Телефон: **(+992-37) 221-77-11** Факс: **(+992-37) 221-48-84**
E-mail:**info@tnu.tjint.re@gmail.com** http://www.tnu.tj

Имзои: Б.Х.Наврузшоев Диёров Ш.А.-ро
«Тасдиқ мекунам»
сардори РК ва КМ ДМТ — Тавқиев Э. Ш.